**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», д.и.и., профессор**

**_______________Қурбонзода М.Р.**

**«01»____04_______2025**

# ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Саидзода Дилшод Саид 27.01.1983 дар ноҳияи Кушониён (Бохтар) дар оилаи зиёи ба дунё омадааст. Ӯ соли 2001 ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусрав дохил шуда онро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос -омӯзгор хатм намудааст. Мавсуф собиқаи кории омӯзгории 18–сола дорад. Аз соли 2007 то соли 2018 ба ҳайси омӯзгори фанни сиёсатшиносӣ ва сотсиология дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ кору фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то инҷониб дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳайси омузгор фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2019 то ҳол ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият дорад.

Саидзода Дилшод Саид дар давраи унвонҷӯӣ имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият аз фанҳои «Забони хориҷӣ» (англисӣ) 30.06.2022 бо баҳои «хуб», «Таърих ва фалсафаи илм» 14.02.2024 бо баҳои «хуб», “Сиёсатшиносии умумӣ” 4.04.2024 бо баҳои “хуб”, “Ихтисос: 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ” 22.04.2024 бо баҳои “аъло” супоридааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Саидзода Дилшод Саид дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 29.04.2019, суратҷаласаи № 9 тасдиқ гардида, сипас барои мукаммал ва мушаххас гаштани он тағйири ҷузъӣ дар таърихи 29.11.2022, суратҷаласаи № 4 ворид гардидааст. Инчунин роҳбари илмӣ низ иваз гардидааст. Ба ҳайси роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои сиёсӣ,

дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, муовини Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

**Таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқ аст.

Кори диссертатсионӣ ба масъалаи муҳим ва рӯзмарраи инкишофи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии таҳия ва ба амал баровардани сиёсати давлатӣ ва таъмини стратегияи инкишофи кишвар бахшида шуда, аҳамияти бузурги назариявию илмӣ ва сиёсию амалиро касб намудааст.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин қабул гардиданд:

- **масъалаи таҳқиқшаванда аҳамияти муҳимми** назариявию илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро барои ҳар гуна ҷомеа муайян намудани самтҳо ва равишҳои таҳияи сиёсати давлатӣ ҳамчун воситаи меҳварии идоракунии равандҳои ҷомеа амали муҳим ба шумор меравад. Дар низоми давлатдории муосири Тоҷикистон низ масъалаҳои марбут ба самтгирии сиёсати давлатӣ ва ташаккули низоми онҳо аҳамияти аввалиндараҷаро касб намудаанд. Аз ин ҷост, ки масъалаи мазкур ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода шудааст;
- **мақсади таҳқиқотро таҳлилу** баррасӣ ва омӯзиши самтҳо ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ ба сифати омили меҳварӣ ва асосии рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон, тамоюлҳои инкишофи сиёсати давлатӣ ҳамчун консепсияи илмӣ, ки аҳамияти бузурги амалиро барои инкишофи кишвар касб намудааст, таҳлили масъалаи рушди муътадил ва хулосагириҳои амиқ ва мақоми давлат дар таъмини он ташкил медиҳанд;
- **вазифаҳои таҳқиқот ба нақшаи кори диссертатсионӣ** мувофиқ буда, ҷиҳатҳои зеринро фаро мегирад: тавсифи мафҳум ва моҳияти сиёсати давлатӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеа ва хосиятҳои асосии зуҳуроти он дар шароити ҳозираи инкишоф; сиёсати давлатӣ: самтҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи назариявӣ ва методологияи таҳқиқи онҳо; принсипҳо ва методҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар низоми идоракунии ҷомеаи муосир; хусусиятҳои асосии самтгирии сиёсати давлатӣ ва тамоюлҳои инкишофи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ: хусусиятҳои асосӣ ва низоми инкишоф; дурнамои тамоюлҳои асосии инкишофи сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- масъалаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва татбиқи онҳо ҳамчун омили асосии рушди муътадил барои давлати Тоҷикистон низ муҳим ва аввалиндараҷа буда, дурнамои рушди он ҳамчун ормони миллӣ бояд эътибор пайдо намояд. Инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат аз дуруст ва амиқ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ,

махсусан, навъҳои сиёсати соҳавӣ вобаста аст. Мураккабӣ ва пурихтилофӣ дар раванди инкишоф беш аз пеш ба вуҷуд меоянд. Вазъияти мазкур хосияти объективӣ дорад, зеро ки мушкилиҳо ва зиддиятҳо дар инкишофи давлатдории миллӣ хоҳу нохоҳ ба амал меоянд. Асоснокнамоии раванду ҳодисаҳо тавассути сиёсати давлатии комил воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳо ба шумор меравад;

- ба эътибор гирифтани аҳамияти амалии таҳқиқот тавассути амалӣ намудани тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти идоракунӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ, инчунин барои танзиму назорати амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои дурнамои рушд воқеият пайдо менамоянд;

- хулосаҳо ва маводҳои диссертатсия барои самаранок гардонидани фаъолияти таркиботи ниҳодии давлат ва ҷомеа дар татбиқи чорабиниҳо ва роҳҳои таъмини инкишофи устувор, суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегиранд;

- **хулосаҳои кори диссертатсионӣ** дар раванди таҳияи консепсияҳо ва доктринаҳои таҳкими сиёсати давлатӣ ва раванди таҳияи он, таъмини рушди мутаносиби Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд;

- муносибатҳои методологӣ ва илмие, ки дар рафти омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва тартиби таҳияи он асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил менамоянд. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои мазкур аз методҳои системанокӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таърихӣ, таҳлиливу ташхиснамоӣ, сотсиологӣ, антропологӣ, меъёриву арзишӣ ва ғайра истифода гардидааст. Барои муайян намудани дурнамои раванди таҳияи сиёсати давлатӣ аз методи пешбининамоӣ ба таври зарурӣ истифода гардидааст. Инчунин дар раванди таҳқиқоти мавзуи мазкур асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки асосҳои методологии кори диссертатсиониро қавӣ гардонидаанд;

- **дар кори диссертатсионӣ навгонии илмии таҳқиқот** ба таври зарурӣ асоснок ва андешаҳои назаррас барои ҷомеаи муосир муҳим пешниҳод гардидаанд. Мақсад ва вазифаҳои рисола доираи васеи масъалаҳои инкишофи ҷомеаро, ки бевосита ба масъалаи таҳияи сиёсати давлатӣ ва мушаххасгардонии самтҳои асосии он пайвастанд фаро гирифта, дар марҳилаи муосири рушди Тоҷикистон аҳамият ва арзишҳои фаъолият ва андешаҳои навро мураттаб гардонидаанд. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили сиёсӣ баҳри баррасии моҳияти таҳия ва амалигардонии сиёсати давлатӣ ҳамчун консепсия, афзалияти таъмини он барои инкишофи ҷомеа ва дурнамои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

**Корҳои нашршуда** ва автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 маъруза дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми таълими бахшҳои илмҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ин бора санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ - санад дар бораи истифодаи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ (КИТ) дар раванди таълим аз таърихи 18-уми марти соли 2025 мавҷуд аст.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши минбаъдаи масъалаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва хусусиятҳои инкишофи он ҳамчун маводи назариявӣ истифода шаванд. Муҳим он аст, ки хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи самтгирии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати рушди он низ мусоидат менамоянд.

Маводҳои рисола дар раванди таълими илмҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ ба сифати маводи назариявию таҳлилӣ ва курси махсуси интихобӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои таълимӣ метавонанд истифода шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас аст. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асоснокунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузоштошуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси кафедра намояндаи муассисае, ки Шурои дисертатсионӣ дар назди он амал мекунад д.и.с., дотсент Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна муовини директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иштирок ва суханрони намуданд.

**Мақолаҳои илмии муаллиф,** ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-А]. Саидзода Д.С. Системаи идоракунии давлатӣ: ташаккул ва инкишофи назария [матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. –№3. – С.289-293. ISSN 2413-5151.

[2-А]. Саидзода Д.С. Назарияи бюрократии идоракунӣ: моҳият ва хусусиятҳо [матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. – №5. – С.295-298. ISSN 2413-5151

[3-А]. Саидзода Д.С. Идоракунии давлатӣ: шаклҳо ва методҳои муосир [матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2020. – №3. – С.297-301. ISSN 2413-5151

[4-А]. Саидзода Д.С. Хусусиятҳои рушди низоми идоракунии давлатӣ дар шароити муосир [матн] / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2021. – №1. – С.317-321. ISSN 2413-5151

[5-А]. Саидзода Д.С. Ислоҳоти сиёсӣ заминаи муҳимми ташаккули сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон [матн] / Л.Ш. Шарифзода, Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2023. – №10. – С. 300-304. ISSN 2413-5151.

[6-А]. Саидзода Д.С. Нақш ва мақоми сарвари сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи идоракунии давлатӣ / Д.С. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. 2023. № 3-2 (112) – С, 118-122. ISSN 2663-6506.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо**

[7-А]. Саидзода Д.С. Таъмини самаранокии фаъолияти идоракунии давлатӣ дар шароити муосир // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 –солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (ш.Бохтар, 17–18 майи соли 2019). –Бохтар, 2019. – С.272-274.

[8-А]. Саидзода Д.С. Ҷойгоҳи ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нави сиёсии олам. // Конференсияи байналмилалии илмӣ –назариявӣ дар мавзуи Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ / Д.С. Саидзода // Кӯлоб, 2023 - С.264-269.

[9-А] Саидзода Д.С., Зардизода Ш.Х. Взаимодействие СМИ и законодательной власти в современных условиях: / Д.С. Саидзода // «Славянские чтения»: Сборник, материалов конференции – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 90-95.

[10-М] Саидзода Д.С., Аҳамияти таърихию сиёсии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бунёди давлатӣ миллӣ. // Маводи конференсияи илмӣ –назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон –санади олии ҳуқуқии кишвар» / Д.С. Саидзода // 1-2 ноябри соли 2024, ш.Бохтар –С.474-479.

Бо назардошти маводҳои нашршуда, хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи "Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод мегардад, ҷонибдорӣ карда шавад.

2. Хулосаи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул гардидааст. Дар маҷлис 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар., «муқобил» - нест, «бетараф» - нест, протоколи № 8 аз 26-уми марти соли 2025.

Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва
муносибатҳои байналхалқии
факултети Сиёсат ва идораи давлатии
ДДБ ба номи Носири Хусрав
д.и.с. профессор: Саидов А.С.

Котиби маҷлиси кафедра
саромӯзгори кафедра Одиназода Н.Ҳ.

Имзоҳои Саидов А.С. ва
Одиназода Н.Ҳ. –ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

**Маълумот барои тамос:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53 E-mail: bgu-1978 @mail.ru